# АРЗЁБИИ НАҚШАИ ТАЪЛИМӢ ВА НАҚШИ АДАБИЁТИ ТАЪЛИМӢ ДАР РУШДИ ТАФАККУРИ ИНТИҚОДИИ ХОНАНДАГОН

Бо ташаббуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Литсейи давлатӣ аз рӯйи равияи омӯзиши амиқи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи ноҳияи Рӯдакӣ» семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши арзёбии татбиқи нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои таҳсили 2023–2024 ва солҳои минбаъда ва маводи адабиёти таълимии фанҳои гуманитарӣ дар рушди тафаккури интиқодии хонандагон» баргузор гардид. Семинарро директори Литсейи давлатии ноҳияи Рӯдакӣ -Камолов Баҳодур бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуда, доир ба аҳамияти баргузории чунин чорабиниҳои илмӣ-методӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф андешаронӣ кард. Зикр гардид, ки арзёбии татбиқи нақшаҳои таълимӣ, таҳлили мазмуни китобҳои дарсӣ ва муайян намудани роҳҳои такмили маводи таълимӣ аз масъалаҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот ба шумор меравад. Имомназаров Д., муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажӯҳишгоҳ дар мавзуи «Афзалият ва мушкилоти татбиқи нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои таҳсили 2023–2024 ва солҳои минбаъда ва дурнамои такмили он дар шароити ислоҳоти соҳа» маърӯза намуд. Дар баромади ӯ ҷанбаҳои мусбати нақшаи таълимӣ, мушкилоти татбиқи амалии он ва зарурати такмили минбаъдаи мазмуни таълим таъкид гардид. Сипас, Амонӣ Салоҳуддин, мудири шуъбаи коркард ва татбиқи технологияи инноватсионии таълими Пажӯҳишгоҳ дар мавзуи «Нақши татбиқи маводи таълимии китобҳои дарсии “Забони тоҷикӣ” ва “Адабиёти тоҷик” дар рушди тафаккури интиқодии хонандагон» суханронӣ кард. Мавсуф қайд намуд, ки китобҳои дарсии забон ва адабиёт танҳо воситаи азхудкунии дониш набуда, балки омили муҳимми ташаккули фарҳанги нутқ, тафаккури таҳлилӣ, қобилияти муқоиса, хулосабарорӣ ва муносибати мустақилонаи хонанда ба матн мебошанд. Ҳамчунин, Ғуломова М.С. - ҷонишини директор оид ба корҳои таълимии Литсейи давлатии ноҳияи Рӯдакӣ, дар мавзуи «Масъалаҳои ҳалталаби маводи китобҳои дарсии фанҳои гуманитарӣ ва роҳҳои такмили мазмуни онҳо» баромад намуд. Дар маъруза масъалаҳои вобаста ба мазмун, сохтор, забон ва сатҳи дастрасии маводи таълимӣ барои хонандагон таҳлил гардида, зарурати мутобиқсозии баъзе маводи китобҳои дарсӣ ба талаботи муосири таълимӣ таъкид шуд. Дар бахши музокираҳо кормандони илмӣ, омӯзгорон ва мутахассисони соҳа фаъолона иштирок намуда, оид ба дастовардҳои соҳа ва мушкилотҳои ҷойдошта мулоҳизаҳои судманд баён карданд.








Йотбарсардо: я=й+а
ю=й+у
е=й+е


Чуи амал дар ту нест, нодон.